**Тақризи**

**Муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Шоҳзода Гулнора Амриддин дар мавзуи "Вижагиҳои луғавию маъноии забони ашъори Шамсиддин Шоҳин", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология, аз рӯйи ихтисоси 6.2.1. – Забони тоҷикӣ.**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Дар даврахои гуногуни таърихи адабиёти пурғановати тоҷик чеҳраҳои басо мондагори илмиву адабӣ ва фарҳангиеро метавон ном бурд, ки ба воситаи маҳсули андешаи воло ва қалами пурмуъҷизи хеш дар ташаккул ва такомули забон, адабиёту фарҳанг ва таъриху суннатҳои вижаи миллӣ хидмати арзандаву шоистаеро ба анҷом расонидаанд. Чунин адибони мутафаккир бо қудрати муъҷизаофари зеҳнӣ нерӯмандӣ, фарҳангсолорӣ ва хидматҳои шоиставу пурарзиш рисолати эҷодкор буданро амри зарурӣ ҳисобида, сабагори бақову ҳастӣ ва азамату ҷалоли фарҳанги беназири миллати куҳанбунёду тамаддунофар ва фарҳангпарвари худ гардидаанд. Ҳамин гуна садоқату вафодорӣ ба кори эҷодӣ, махсусан таваҷҷуҳ ба забон ва пешниҳод намудани бардошту андешаҳои бархе аз адибони шинохтаи тоҷик ба раванди ҷомеа алоқаманд аст, аз ин рӯ моро ба омӯзиш, таҳлил ва таҳқиқи ин масъалаҳо водор месозад. Бинобар ин омӯзиш ва таҳқиқу баррасии рӯзгору осор ва вижагии забони ашъори чунин чеҳраҳои илмиву адабӣ хеле муҳим маҳсуб мешавад.

Мавзуи таҳқиқи мавриди назар, яъне "Вижагиҳои луғавию маъноии забони ашъори Шамсиддин Шоҳин" аз ҷониби муҳаққиқи ҷавон Шоҳзода Гулнора Амриддин аз ҷумлаи масъалаҳои хеле мубрами таҳқиқотие ба ҳисоб меравад, ки ба самти забоншиносӣ ва шиносномаи ихтисоси илмии 6.2.1. – Забони тоҷикӣ мувофиққат менамояд.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Унвонҷӯ Шоҳзода Гулнора Амридин мавзуеро мавриди таҳқиқи хеш қарор додааст, ки ба омӯзиши вижагиҳои луғавию маъноии забони ашъори яке аз намояндагони барҷастаи адабиёти охири асри XIX ва ибтидои садаи XX Мавлоно Шамсиддини Шоҳин бахшида шудааст. Мубрамияти мавзуъ дар он зоҳир мегардад, ки масъалаҳои илмии дар рисола таҳқиқгардида, яъне оид ба вижагиҳои луғавию маъноии ашъори шоири мавриди назар дар илми забоншиносии муосири тоҷик бори нахуст аз ҷониби унвонҷӯ ба таври фарогир мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

**Мубрамии мавзуи пажуҳишии** мавриди назар боз бар он асос меёбад, ки дар тули мавҷудият ва рушду инкишофи забон бори нахуст мавзуи мавриди таҳқиқ қароргирифта, яъне вижагиҳои луғавию

маъноии забони ашъори яке аз намоёнтарин чеҳраҳои адабиёти охири асри XIX ва ибтидои асри XX Мавлоно Шамсиддин Шоҳин ба таври системавӣ мавриди таҳқиқ ва барраси қарор гирифтааст. Мавлоно Шамсиддини Шоҳин, аз зумраи яке аз намоёнтарин чеҳраҳои адибони охири асри XIX ва ибтидои садаи XX ба шумор меравад, ки забони ашъори намакини ӯ бо ғановати таркиби луғавӣ, дар бар доштани унсурҳои забони халқ, содагиву дилнишинии сабки баён дар таърихи забони тоҷикӣ, бахусус дар баёни осори адибони даврони фавқуззикр ҷойгоҳи шоистаеро доро мебошад. То ба имрӯз аз ҷониби муҳаққиқони забоншинос, назири Носирҷон Маъсумӣ, Саидмуродов Ҳоҷиев, Саидқул Сабзаев ва дигарон оид ба вижагиҳои лингвистии ашъори намояндагони охири асри XIX ва ибтидои садаи XX, алалхусус оид ба вижагиҳои забони осори Мавлоно Шамсиддини Шоҳин баъзе таҳқиқоти ҳирфаи ба анҷом расонидаву баъзе ишораҳое карда бошанд, ҳам бо вуҷуди ин ҳама баъзе масъалаҳои марбут ба вижагиҳои луғавию маъноии осори шоир то кунун ба таври комил баррасӣ нагардидаанд. Ба таври фарогир яъне системавӣ омӯхтани вижагиҳои луғавию маъноии осори Мавлоно Шамсиддини Шоҳин худ, як мушкилии илми забоншиносии муосири мо буд, ки то ба имрӯз ҳалли худро наёфта буд.

Ҳақ ба ҷониби Пешвои муаззами миллат, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аст, ки дар асари безаволи хеш "Забони миллат – ҳастии миллат" (китоби II, с.27, нашри соли 2020) мубрамияти ин масъаларо чунин таъкид кардаанд: " – Мо бояд ба таърихи забони худ рӯй оварда, рӯзгори ҷавонӣ, давраи нашъунамо, авомили зояндагии камназир ва густаришу боландагӣ ва албатта, сабабҳои шикасту заъфи онро аз ибтидо то имрӯз амиқтар омӯхта, зеботарин ва коромадтарин унсурҳои мавриди ниёзи даврони худро пайдо намоем, аз таҷрибаи ҳамзабонон, он чи ба табиати забони мо созгор аст, баҳра бардорем, қолабҳо ва суннати вожасозиро бо истифода аз осори гузаштагони хеш фаъол созем, бори нуфузи забонҳои бегонаро, албатта ҳар он чи таҳмилӣ аст, аз дӯши забони худ барандозем".

Муҳаққиқи ҷавон мубрамии мавзуи мавриди таҳқиқро хеле илмӣ ба таври зайл чунин хулосабарорӣ кардааст:

- таркиби луғавию маъноии забони ашъори Шамсиддин Шоҳин бори аввал мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст;
- ба ин далел ҷойи ҳунари суханофаринии шоир дар як давраи барои таърихи халқи мо басо ҳассос равшан хоҳад шуд;
- инчунин, хонанда аз тариқи килки суханпардози ин адиби сеҳрбаён бо имконоти баёни фасеҳи тоҷикӣ - форсӣ рӯбарӯ хоҳад омад;

- вобаста ба нуктаи мазкур ҳунари сухансозӣ ба воситаи истифодаи санъатҳои бадеӣ осонтар, яъне бидуни бо такаллуфоти ҳунарӣ мувоҷеҳ шудан, даст хоҳад дод;

- аз омӯзиши забони ашъори шоир мутолиакунанда ғановати забони халқро бештар эҳсос хоҳад кард;

- омӯзиши истилоҳоти истифодакардаи устод Шоҳин, бавижа оид ба бахши санъати мусиқӣ, дар замони мо аз аҳаммияти хос бархурдор хоҳад буд;

- ҷойи басо аз моддаҳои луғавии истеъмолнамудаи ин адиби дар заминаи вожасозӣ босалиқа дар фарҳангномаҳои мо холист. Ба ин хотир, дар диссертатсия зерфасле ихтисос додем;

- ба таносуби корбурди қисме аз воҳидҳои луғавии форсии дарӣ дар ашъори Шоҳин ва вобаста ба таҳаввулоти сиёсӣ баъдан дар забони тоҷикӣ истифода намудани онҳо низ эътибор дода шуд.

**Дараҷаи навгонии илмии таҳқиқ** дар он зоҳир мегардад, ки масъалаҳоҳои мубрами мавзуи таҳқиқшаванда, яъне умдатарин хусусиятҳои вижаи таркиби луғавию маъноии осори шоир ба таври хеле густурда мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор гирифтаанд. Аз ҷумлда вижагиҳои таркиби луғавию маъноии забони ашъори Шамсиддин Шоҳин дар забоншиносии тоҷик, хусусан дар бахши луғатшиносии он, бори нахуст таҳқиқ мешавад. Дар таърихи забони тоҷикӣ гурӯҳҳои луғавию маъноӣ дар ҳеҷ рисолае ба ин андоза, ки дар мисоли забони ашъори Шамсиддин Шоҳин анҷом пазируфта ва таҳлилу тасниф шуда бошад, вуҷуд надорад. Маҳорати шоир дар ин замина мустанад ба қалам омадааст. Муаллиф дар боби таносуби истеъмоли бархе аз вожаҳои куҳан (тоҷикӣ-форсӣ) ва муқтабас (аз арабӣ) дар забони тоҷикӣ ва форсӣ-дарӣ (ба асоси забони назми Шоҳин) андеша иброз намудааст. Иттилои комилтарро доир ба ҷойгоҳи вожаҳои омиёна дар назми классикӣ аз ин диссертатсия ба даст овардан мумкин аст. Пиромуни бархе аз истилоҳот ҳам маълумоти тоза дода шудааст. Дар мавриди ҳунари шоир доир ба корбурди таркибҳои маҷозӣ, зарбулмасалу мақол дар забони шеър ва маҳорати ӯ дар такмили қисме аз онҳо ҳам сухан дар миён аст. Таркибҳои тавассути унсурҳои тасвирсохтаи Шоҳин ҷалби таваҷҷуҳ менамоянд ва хонанда ҳам бо баъзе аз чунин таркибу иборот бори аввал рӯбарӯ мешавад.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ бо он собит мешаванд, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ аз консепсияҳои илмӣ ва назарии забоншиносони ватанию хориҷӣ истифода шудаанд.Таҳқиқи илмии диссертатсия бо равишҳои муқоисавӣ- таҳлилӣ, тафсиру тавзеҳ, усули луғавию маъноӣ ва сохторӣ сурат гирифтааст. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот, мутобиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ бармеояд. Хулосаи

диссертатсияи Шоҳзода Гулнора Амриддин фарогири асоситарин ва муҳимтарин бардоштҳои илмии муаллиф буда, дар 8 банд фароҳам омадаанд. Инчунин дар бахши тавсияҳо, ки аз 7 банд иборат аст, муҳиммияти мавзуъ ва корбурди натиҷаҳои онҳо дар раванди таълиму таҳқиқ оварда шуда, дурнамои мавзуи таҳқиқотӣ дақиқан муайян карда шудааст.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ.** Диссертатсия доир ба вазъи забони тоҷикӣ дар охири асри XIX ва аввали садаи XX, бавижа таркиби луғавии он, маълумоти муфассалро дар бар дорад ва барои ниёзмандон иттилои хуб медиҳад. Маводи гирдоварда, инчунин, дар таҳияи луғатномаҳо, аз ҷумла, тартиб додани фарҳанги ҷомеи осори Шамсиддин Шоҳин, ба кор меравад. Натиҷагириҳои илмии муаллиф дар омода сохтани барномаҳои луғатшиносии забони тоҷикӣ, дастурҳои омӯзишӣ ёрӣ мерасонад. Аз ин мавод дар баргузории дарсу семинару курсҳои махсуси факултетҳои филологии донишгоҳҳо низ истифода бурдан мумкин аст.

**Қисми асосии таҳқиқ:** Диссертатсияи Шоҳзода Гулнора Амриддин аз муқаддима, се боб, 12 фасл (зербоб), хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат буда, ҳаҷми умумии диссертатсия 185 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад.

Дар муқаддимаи диссертатсия дар бораи мубрамии мавзуъ, арзиши таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, манбаъҳои таҳқиқ, аҳаммияти назариявию амалии таҳқиқ, асосҳои назариявию методологии он, равишҳои илмии таҳқиқ, нуктаҳои муҳимми ба ҳимоя пешниҳодшаванда, мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ ва тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ сухан меравад.

**Боби якуми** диссертатсия «**Вижагиҳои маънoии ашъори Шамсиддин Шоҳин**» ном дошта, аз се фасл иборат мебошад ва дар боби мазкур масъалаҳои зерин, яъне ҷойгоҳи вожаҳои қадимаи тоҷикӣ дар ашъори шоир вожаҳои марбут ба исм, вожаҳои марбут ба феъл, вожаҳои марбут ба зарф, ҷойгоҳи калимаҳои омиёна дар ашъори шоир мавриди таҳқиқ ва барраси қарор гирифта, муҳаққиқ ишора мекунад, ки калимаҳои қадимаи тоҷикӣ, вожаҳои марбут ба исм, феъл, зарф, вожаҳои омиёна ва низ воҳидҳои фразеологӣ ва зарбулмасалу мақол дар ашъори шоир мавқеи хоса дошта, масъалаҳои фавқузикр, яъне вижагиҳои маънои ашъори шоир дар илми забоншиносӣ нахустин бор ба таври мукаммал мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

**Боби дуюми** диссертатсия – «**Гурӯҳҳои луғавии ашъори Шамсиддин Шоҳин**» унвон гирифта – аз се фасл фароҳам омадааст. Дар боби мазкур маводи таҳқиқшавандаи марбут ба масъалаҳои гурӯҳҳои луғавии ашъори шоир, яъне мавқеи муродифоти луғавӣ дар

ашъори шоир,зерфаслҳои вожаҳои ҳаммаънои исмӣ бо ҷузъҳои тоҷикӣ- тоҷикӣ, вожаҳои ҳаммаънои сифатӣ бо ҷузъҳои тоҷикӣ-тоҷикӣ, вожаҳои ҳаммаънои феълӣ бо ҷузъҳои тоҷикӣ-тоҷикӣ, вожаҳои ҳаммаънои исмӣ бо ҷузъҳои тоҷикӣ-арабӣ, вожаҳои ҳаммаънои сифатӣ бо ҷузъҳои тоҷикӣ- арабӣ, вожаҳои ҳаммаънои исмӣ бо ҷузъҳои арабӣ-тоҷикӣ, вожаҳои ҳаммаънои исмӣ бо ҷузъҳои арабӣ-арабиро мавриди таҳқиқ ва гурӯҳбанди қарор гирифтаанд. Инчунин маводи зерфасли дуюми марбут ба масоили мавқеи калимаҳои сермаъно ё омонимҳо дар ашъори шоир, ҳамчунин масъалаҳои марбут ба зерфасли сеюми боби мазкур, ки "Мавқеи калимаҳои зидмаъно дар ашъори шоир" унвон гирифтааст, масоили марбут ба вожаҳои зидмаънои мансуб ба исм, сифат, бо ҷузъҳои исм - сифат, сифат - исм, вожаҳои мансуб ба феъл, зарф, сифат+зарф+зарф-сифат ва маводи таркибҳои зидмаъно аз нигоҳи иштироки ҷузъҳо мавриди баррасӣ қарор гирифта, муҳаққиқ ба хулосае меояд, ки вожаҳои зидмаъно барои ифодаи тасдиқ ё инкори маънои ашё, сифати он, амал ва аломати амал, вазъияти фаъолияти инсон, руҳия, ҳолат, аломати ҳолат, ҳодисаҳои табиӣ, миқдору андоза хеле ба мавқеъ истифода шудаанд. Аз ҳиссаҳои нутқ дар ашъори шоир ба чунин сифатҳо бештар исм, сифат, феъл ва зарф мавқеи хоса доранд, ки аз истеъдоди баланди шоир ва дорои ҳунари нотакрор доштан дар истифодаи маводи луғавии забон дарак медиҳад.

Боби сеюми рисола **«Саҳми Шамсиддин Шоҳин дар ғанӣ гардидани захираи луғавии забони тоҷикӣ»** унвон дошта, дарбаргири 6 фасл буда, масъалаҳои марбут ба саҳми шоир дар ғанӣ гардидани захираи луғавии забони тоҷикӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Аз ҷумла нукоти мавзуии зерфасли "Таҳлили баъзе калимаҳои ашъори шоир",аз ҷумла, вожаҳои тоҷикӣ-форсӣ-дарӣ, унсурҳои луғавии дар форсӣ ва дарӣ истифодамешуда, мавқеи маъноии калимаҳои арабӣ дар забони тоҷикӣ-форсӣ-дарӣ, калимаҳои арабии дар забони тоҷикӣ-форсӣ-дарӣ маънои муштаракдошта, инчунин масоили марбут ба зерфаслҳои: ҷойгоҳи вожаҳои забон ва сухан дар ашъори шоир, истилоҳоти забоншиносӣ дар ашъори шоир, истилоҳоти мусиқӣ дар ашъори шоир, нақши воситаҳои тасвир дар таркибсозии ашъори шоир ва бозтоби ганҷинаи вожагони забони ашъори шоир дар "Фарҳанги забони тоҷикӣ" барин масъалаҳо, мавриди таҳлилу таҳқиқи амиқ қарор гирифтаанд, ҳамчунин маводи шавоҳиди дар фарҳанги мазкур бо ғалатҳо истифодашудаи ашъори шоир тавзеҳ дода шудаанд. Муҳаққиқ ба чунин хулоса меояд, ки саҳми Шамсиддин Шоҳин дар ғани гардидани захираи луғавии забони тоҷикӣ камназир мебошад. Ва далели ин гуфтаҳо истифодаи васеи абёти ашъори шоир дар фарҳанги номбурда мебошад.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия.** Муҳтавои асосии диссертатсия дар 9 мақолаю маърузаи илмӣ дар маҷмуаю маҷаллаҳои илмии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, маводи конференсияҳои ҷумҳуриявӣ байналмилалӣ, аз ҷумла, 6 мақола дар маҷаллаҳои илмии

тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 3 мақолаи дигар дар маводи конференсияҳои байналмилалӣ ба табъ расидааст.

**Мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, аз руйи талаботи КОА.** Диссертатсия дар мавзуи «Вижагиҳои луғавию маъноии забони ашъори Шамсиддин Шоҳин» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология бо шиносномаи ихтисоси илмии 6.2.1. Забони тоҷикӣ мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Саҳми довталаби дараҷаи илмӣ аз он иборат аст, ки бори аввал вижагиҳои луғавию маъноии забони ашъори Шамсиддин Шоҳинро, ки дар поёни садаи Х1Х ва оғози садаи ХХ зиндагӣ ва фаъолият доштааст, ба сурати мукаммал, яъне диссертатсия, ба анҷом расонидааст.

Муаллиф ҳудудан 6 сол ба омӯзиши мавзуъ ва ҷамъ кардани мавод машғул шуда, доир ба ин масъала якчанд мақолаи илмӣ нашр карда, инчунин, дар конфронсҳои донишгоҳиву ҷумҳуриявӣ бо маърузаҳои илмӣ суханронӣ намудааст.

**Тасвиби амалии таҳқиқ.** Натиҷа ва хулосаи таҳқиқ ба сурати гузоришҳои илмӣ дар конфронсҳои донишгоҳӣ ДДБ ба номи Носири Хусрав ва ҷумҳуриявӣ ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ мухтасаран ироа гардидаанд.

Мавзуи диссертатсия мубрам буда, дар маҷлиси васеи кафедраи забони тоҷикии Муассисаи давлатии таълимии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (суратҷаласаи № 6 аз 23.12.2025) муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

**Эродҳо ба диссертатсия**. Дар баробари дастовардҳо, муваффақиятҳо ва комёбиҳои назарраси илмии кор дар рафти таълиф ва баррасии диссертатсия ва автореферат баъзе камбудиҳо ва ғалатҳое роҳ ёфтаанд, ки фикр мекунем, зикри онҳо ба муваффақияти кори илмии унвонҷӯ хоҳад буд:

1. Оғози муқаддимаи рисола аз назари мо каме ноқис менамояд. Хуб мебуд дар муқаддимаи рисола оид ба шахсияти Мавлоно Шамсиддини Шоҳин зиндагӣ ва шахсияту мақоми ӯ дар ҳавзаи адибони Бухоро ва умуман адабиёти тоҷик як ҳошия бахшида мешуд ва сабаби интихоби мавзуъ ҳам равшантар ва муассиртар ба назар мерасид.
2. Дар саҳифаҳои 4-6 риосла рақами саҳифаҳои иқтибоси додашуда дида мешаванд, аммо рақамҳои адабиёти истифодашуда (№54, 38, 42 – нест, 32, 54, 73, 74, 81, 59, 45, 12, 65, 66) дида намешаванд.
3. Дар саҳифаи 5 рисола ва автореферат (бахши мубрамии мавзуи таҳқиқ) ба ҷойи вожаи "истеъмол"хуб мебуд, вожаи "истифода" ба кор бурда мешуд, чунки маънои калимаи истеъмол аслан хӯрдан аст.
4. Равшан нест, ки манбаи асосии таҳқиқ аз рӯйи кадом матн сурат гирифтааст, аз рӯйи матни дастхати аслӣ ё нусхаи нашрҳои

баъдина, аммо дар рӯйхати адабиёт дар қисмати сарчашмаҳо унвонҷӯ номи ду се асари ӯро зикр кардааст.

5. Баъзе ғалатҳои имлоӣ, китобӣ ва услубӣ дар саҳифаҳои 5, 6, 9, 10, 13, 19, 31 ва 33 автореферат ва дар саҳифаҳои 10, 11, 13 ва 16 рисола ба назар мерасанд.

6. Дар баъзе саҳифаҳои рисола абёти шавоҳиди мавриди таҳқиқ қароргирифта аз матн ҷудо навишта нашудаанд (саҳифаҳои 21, 22, 23, 24 то 29). Мисолҳои шеърӣ аз матн ҷудо навишта мешуд, хеле хуб буд.

7. Дар саҳифаи 18-и рисола (боби I, зерфасли 1, 2 ҷойгоҳи калимаҳои омиёна дар ашъори шоир) дар қатори вожаҳои туркӣ-узбекӣ аз ҷониби шоир мавриди истифода қароргирифта, муҳаққиқи ҷавон вожаҳои тоҷикиасли қишлоқ (аз тоҷ. киштлох), айлоқ (аз тоҷ. ҳайлох), сурма ва ихчамро ба гурӯҳи калимаҳои туркӣ дохил кардааст, ки ғалати маҳз аст.

Ба таври умум, эродҳои зикршуда ислоҳпазир буда, ҳеҷгоҳ арзиши ҳусну қубҳи аслии диссертатсияро кам нахоҳад кард ва ислоҳи ғалатҳо ба фоидаи кор хоҳад буд. Ҳангоми таҳия ва нашри монография ба назар гирифтани онҳо ба арзиш ва аҳаммияти илмию амалии кори таҳқиқии Шоҳзода Гулнора Амриддин ҳусни аз ин ҳам бештарро зам хоҳад кард.

**Қисмати хотимавии тақриз.** Дар маҷмуъ, диссертатсияи Шоҳзода Гулнора Амриддин дар мавзуи «Вижагиҳои луғавию маъноии забони ашъори Шамсиддини Шоҳин" кори таҳқиқотии нави комилан ба анҷомрасида буда, муҳаққиқ масъалаҳои дар пеш гузоштаи худро хуб ба сомон расонидааст. Диссертатсия дорои аҳамияти баланди илмӣ - назариявӣ ва амалӣ буда, дастури роҳнамоест барои муҳаққиқони ояндаи риштаи забоншиносӣ, дар таҳқиқи масъалаҳои марбут ба вижагиҳои луғавию маъноии асарҳои таҳқиқшаванда ва таҳияи фарҳангҳои соҳавӣ. Ибрози андеша таҳлилҳо ва баҳсҳои унвонҷу бо муҳаққиқони соҳаи забоншиносӣ хеле бо мавриданд. Забони диссертатсия фаҳмо ва равону барои ифодаи мафҳумҳои забоншиносӣ, хосатан бахшҳои лексика, лексикология ва морфология хеле созгор аст.

Автореферат ва мақолаҳое, ки довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи таҳқиқшаванда нашр намудааст, муҳтавои асосии диссертатсияро фаро гирифта, кори анҷомёфтаи диссертатсионии онро собит месозанд.

Мавзуи интихобнамудаи унвонҷӯ ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 6.2.1. - Забони тоҷикӣ комилан мувофиқат менамояд.

Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии

аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ мебошанд.

Хулоса, диссертатсияи номзадии Шоҳзода Гулнора Амриддин дар мавзуи “Вижагиҳои луғавию маъноии забони ашъори Шамсиддини Шоҳин” ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, тахти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология, аз рӯйи ихтисоси 6.2.1. –Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

Тақризи мазкур бо назардошти талаботи бандҳои 71 ва 72-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, тахти № 267 тасдиқ шудааст, омода гардидааст.

МУҚАРРИЗИ РАСМӢ:
номзади илмҳои филологӣ, ходими пешбари
Институти забон ва адабиёти ба номи
Рӯдакии АМИТ Тураев Б.Б.

Имзои номзади илмҳои филологӣ
Б.Б. Тураевро тасдиқ мекунам
Нозири калони кадри Институти забон ва
адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ Давлатов Ф.

«31» марти соли 2026

**Суроға:** 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Рӯдакӣ 21
**Тамос**: (+992) 111 - 555-750
**E-mail**: burhon66@bk.ru **Сомона:** www.izar.tj